*Конститутсия – кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №114 (4854) | ҶУМЪА, 20 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ ДАНҒАРА

**19-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ноҳияи Данғара ташриф оварда, нахуст бо гузоштани санги асос ба корҳои сохтмони бинои маркази ҷавонон дар ноҳия оғози расмӣ бахшиданд.**

Барои сохтмони бинои ҳафтошёнаи марказ бо таҳхона, дар маркази ноҳия 18 садяк замин ҷудо гардидааст. Зимни муаррифии лоиҳа ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки дар ошёнаи якуми бинои нав толори маҷлис бо 200 ҷойи нишаст, ошёнаи дуюм ҳуҷраҳои кории маркази ҷавонон, бахши кор бо ҷавонон ва варзиш, иттифоқи ҷавонон ва як толори хурд барои суҳбату вохӯриҳо сохта мешавад. Дар умум, шумораи ҳуҷраҳои кории бинои сохташаванда 20 ададро ташкил менамояд, ки оянда дар онҳо шароити муосири корӣ фароҳам хоҳад омад.

Марказҳои омӯзишию тайёрии касбӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, китобхона, гӯшаи варзиш дар ошёнаҳои аз 3 то 5 ва меҳмонхона бошад, дар ошёнаҳои 6-7 ҷой дода мешавад. Иншооти мазкур дар доираи таваҷҷуҳу дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҷавонон сохта шуда, дар он ба маҳфилҳои «Пайравони Пешвои миллат», «Эҷодкорони ҷавон» ва ризокорон низ ҷой дода мешавад.

Қобили тазаккур аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ, маҳз бо таваҷҷуҳу дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳафт шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон биноҳои марказҳои ҷавонон аз нав сохта шуда, бо шароити замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Иншооти соҳаи ҷавонон ва варзиш то Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо истифода аз масолеҳи баландсифати ватанӣ ва ҷалби бинокорони маҳаллӣ, ҷавобгӯ ба талаботи замон сохта хоҳад шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо лоиҳаи бинои нави маркази ҷавонон дар ноҳияи Данғара ба масъулон ва бинокорон барои босифат анҷом додани ҳама корҳои бунёдӣ дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Дар ҳамин ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо масъулони бахши ҷавонони сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ суҳбат намуда, онҳоро ба кори




фаъол бо наврасону ҷавонон ва саҳмгузорӣ дар тарбияи ватандӯстию худшиносии онҳо ҳидоят намуданд.

**19-уми сентябри соли равон бо гузоштани санги асос аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ сохтмони бинои сеошёнаи Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии Данғара» оғоз шуд.**

Тибқи лоиҳа бинои театр аз чор толори калон ва толору ҳуҷраҳои сершумори дигар иборат хоҳад буд, ки дар умум, дорои 1 ҳазору 700 ҷойи нишаст бояд шаванд.

Толори асосӣ дар ошёнаи якуми бино ҷойгир шуда, бо 1 ҳазору 100 ҷойи нишаст пешбинӣ шудааст. Дар ошёнаи дуюм ду ва дар ошёнаи сеюм бошад, як толори дигари намоишӣ сохта хоҳад шуд.

Ҳангоми муаррифии лоиҳаи бинои театр ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки баландии толори асосӣ 18 метр шуда, он ҳамчунин, дорои ҷойи нишасти оркестр, ду саҳнаи паҳлуӣ, саҳнаи пушт, ҳуҷраҳои машқу тамрин ва дигар шароити зарурии сатҳи байналмилалӣ хоҳад буд.

Барои дар сатҳи баланди касбӣ омода намудани мутахассисони риштаи овозхонӣ, коргардонӣ ва навозандагӣ дар ошёнаи сеюми бино 11 синфхонаи таълимӣ таъсис дода мешавад. Дар ошёнаҳои болоӣ толорҳои намоиш ва бадеӣ, машқу тамрин, устохонаҳои бадеӣ, толори мусиқӣ ва дигар ҳуҷраҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар таҳхонаи бинои театр осорхонаи санъат, коргоҳи дӯзандагӣ, анбори нигоҳдории либос ва созҳои мусиқӣ, нуқтаи либосивазкунӣ ва дигар ҳуҷраҳои техникӣ сохта хоҳад шуд.

Дар рафти сохтмони бинои театр беш аз 150 нафар сокинони маҳаллӣ бо кори муваққатӣ ва маоши хуб таъмин мешаванд. Дар асоси лоиҳа саҳни бинои театр сабзу хуррам гардонида шуда, таваққуфгоҳ барои воситаҳои нақлиёт ва фавворaҳо бунёд мегардад.

Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара бо услуби хоси меъмории миллӣ бунёд шуда, ба ҳама талаботи муосири театрсозии ҷаҳонӣ мутобиқ хоҳад буд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи бинои нави театр шинос гардида, ба бинокорону дигар масъулон барои дар муҳлати муайян бо сатҳу сифати баланд анҷом додани корҳои бунёдӣ ва ба аҳли фарҳанги ноҳия фароҳам овардани шароити созгори кору эҷод супоришҳои мушаххас доданд.

**19-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи ба номи Оимхол Абдуллоеваи маркази ноҳияи Данғара баъд аз шиносоӣ бо лоиҳаи бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои оғози корҳои сохтмонии он санги асос гузоштанд.**

Зимни муаррифии лоиҳа ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки мактаб барои 3100 хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда, пурра аз ҳисоби сокинони ноҳия, аз ҷумла соҳибкорони ватандӯст, бунёд мегардад ва то соли таҳсили 2026-2027 ба анҷом расонида хоҳад шуд.



Масоҳати умумии қитъаи замини мактаби бунёдшаванда 1,57 гектарро ташкил дода, масоҳати умумии иншооти сохташаванда 8 ҳазору 40 метри мураббаъро дар бар мегирад. Таълимгоҳ аз 4 ошёна ва синфхонаҳои фаннию озмоишгоҳҳо



иборат хоҳад буд. Ҳамчунин, дар муассиса бунёди толори варзиш ва маҷлисгоҳ бо 400 ҷойи нишаст дар назар дошта шудааст, ки мувофиқ ба стандартҳои муосир сохта мешаванд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо лоиҳаи мактаб ба бинокорон ва ташаббускорони ин иқдоми наҷиб барои бо сифати баланд анҷом додани корҳои сохтмон ва назорати сифати маҳсулоти истифодашаванда дастурҳои мушаххас доданд.

Соҳибкорони ноҳия барои дастгирии ҳамешагии Роҳбари давлат дар самти соҳибкорию бахши хусусӣ изҳори сипос намуда, ваъда доданд, ки минбаъд низ талош менамоянд барои рушд ва пешрафти Тоҷикистони азиз саҳми муносиби худро гузоранд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҚАЗОҚИСТОН

**17-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Вохӯрии сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ – Ҷумҳурии Федеративии Олмон» ба шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, вазирони саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои об, рушди иқтисод ва савдо, раисони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Палатаи савдо ва саноат ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**17-уми сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Вохӯрии сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ – Ҷумҳурии Федеративии Олмон» ба шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ворид шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии ба номи Нурсултон Назарбоев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон Олжас Бектенов ва дигар намояндагони воломақом гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Ба истиқболи меҳмони олиқадр майдони фурудгоҳ бо парчамҳои давлатӣ оро ёфта, қаровули фахрӣ саф оростанд.

**17-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳошияи Нишасти дуюми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон бо Канслери федералии Олмон Олаф Шолтс мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ масоили тавсеаи робитаҳои дуҷониба ва ҳамкории минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат аз вусъати ҳамкории Тоҷикистон бо Олмон ва дигар кишварҳои Аврупо, инчунин, таваҷҷуҳи рӯзафзуни доираҳои иқтисодии Олмон ба Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Саҳми назарраси Ҷамъияти олмонии ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) ва Бонки олмонии рушд (KfW) дар татбиқи стратегияҳои миллии кишвари мо таъкид гардид. Ҷонибҳо оид ба идомаи ҳамкории босамар дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, саноат, гидроэнергетика, энергияи офтобӣ ва бодӣ, нақлиёт ва кишоварзӣ изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо арзи сипос аз ҳиссагузории Олмон дар сохтмони неругоҳҳои барқи обии «Тоҷикистон» ва «Себзор» дар Бадахшон, ҳамчунин, навсозии Неругоҳи барқи обии «Норак» ёдовар шуда, изҳори боварӣ намуданд, ки ин таҷриба метавонад дар сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» низ идома ёбад.

Истихроҷу коркарди маъданҳо, бахусус, элементҳои нодири он ва густариши ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои саноату кишоварзӣ, содироти маҳсулоти ин бахшҳо аз Тоҷикистон ба Олмон, аз ҷумлаи самтҳои ояндадор номида шуд.

- Олмон ба ҳамкорӣ бо Тоҷикистон дар бахшҳои энергетика, аз ҷумла гидроэнергетика ва дигар манбаъҳои «неруи сабз», саноати кӯҳӣ, ҳифзи муҳити зист ва дар масоили амниятӣ манфиатдор аст. Мо ширкатҳои дорои нуфузи ҷаҳонии Олмонро ба ҳамкорӣ бо Тоҷикистон ташвиқ менамоем, – таъкид дошт Олаф Шолтс.

Роҳҳои ҳалли мушкилоти глобалии марбут ба оби ошомиданӣ ва обшавии пиряхҳо, тағйирёбии иқлим ва амнияти озуқаворӣ аз мавзуъҳои дигари мулоқот буд.

Таъкид карда шуд, ки бо назардошти рағбати зиёди ҷавонони Тоҷикистон кишвари мо ҷиҳати ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии забономӯзию касбӣ омодаи тавсеаи ҳамкорӣ бо Олмон аст. Дар мулоқот, ҳамчунин, доир ба масоили амну субот дар минтақа ва ҷаҳон мубодилаи афкор сурат гирифт.

Дар фароварди мулоқот Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Канслери федералии Олмон Олаф Шолтс даъват намуданд, ки барои анҷоми сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф биёранд.

**17-уми сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар Нишасти дуюми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар вохӯрӣ сарони давлатҳо самтҳои минбаъдаи ҳамкории судманди кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмонро мавриди муҳокима қарор доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон намуданд, ки «идомаи муколамаи мо дар сиғаи Осиёи Марказӣ ва Олмон ба талошҳои муштарак ҷиҳати муайян кардани самтҳои ояндадори ҳамкории бисёрҷониба ва ноил шудан ба натиҷаҳои амалӣ мусоидат мекунад».

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки мо омодаем ҳамкории зичро бо шарикони худ барои ноил шудан ба ҳадафи роҳандозии шарикии стратегӣ байни Осиёи Марказӣ ва Олмон идома диҳем. Таъкид гардид, ки пешбурди пайвастаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузории кишварҳо бояд яке аз афзалиятҳои асосӣ гардад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ ДАНҒАРА



(Идома аз саҳ. 1)

**19-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар деҳаи Рахшонзамини деҳоти Корези ноҳияи Данғара барои оғози корҳои сохтмонӣ дар бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ санги асос гузоштанд.**

Иқдоми бунёди бинои нави соҳаи маориф, ки барои 2160 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст, дар асоси ҳидоятҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби соҳибкорони ноҳия ва аҳолии деҳоти мазкур рӯйи даст гирифта шудааст.

Зимни муаррифии лоиҳа иттилоъ дода шуд, ки иншоот аз ду ошёна ва панҷ бино иборат шуда, аз 36 синфхонаи таълимӣ, китобхона, маҷлисгоҳ, толори варзиш ва дигар иншооти ёрирасон иборат хоҳад буд.

Аснои шиносоӣ бо лоиҳа Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин дастур доданд, ки корҳои сохтмониро бо сифати баланд иҷро намуда, то моҳи сентябри соли 2026 иншоотро ба истифода диҳанд.

Соҳибкорон ба Пешвои миллат ваъда доданд, ки корҳои сохтмониро бо ҷалби беҳтарин меъморону шаҳрсозон вусъат бахшида, кӯшиш менамоянд, ки бинои нави таълимиро дар муҳлати муайянгардида ва бо сифати баланд мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳанд.

**19-уми сентябри соли 2024 дар деҳаи Ғиҷоваки деҳоти Пушинги ноҳияи Данғара Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо рафти корҳои сохтмонии марҳилаи дуюми корхонаи муштараки Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муосир» шинос шуданд.**

Дар ин ҷо нахуст ба Роҳбари давлат лоиҳаи марҳилаи навбатии корхонаи саноатӣ муаррифӣ гардид.

Дар марҳилаи дуюм тибқи лоиҳа бунёду баистифодадиҳии даҳ бинои истеҳсолӣ ва иншооти ёрирасон ба нақша гирифта шуда, бо ин ҳаҷми истеҳсол ва номгӯи маҳсулоти корхона давра ба давра афзоиш дода мешавад.

Марҳилаи навбатии лоиҳаи бунёди корхонаи мазкур бо ҷалби сармоягузории Тоҷикистону Чин амалӣ карда шуда, баъд аз истифодаи он 50 нафар бо кор таъмин мегарданд.

Ёдовар мешавем, ки марҳилаи аввали корхонаи муштараки Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муосир» соли 2018 бо иштироки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расман ифтитоҳ гардида буд.

Иншооти соҳаи саноат дар доираи фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ, ҷиҳати амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар бунёд гардида, ҳоло фаъолияти назаррасы истеҳсолӣ дорад.

Ҳоло дар марҳилаи якуми корхонаи мазкур зиёда аз 100 нафар, ки 80 фоизи онро сокинони маҳаллӣ ташкил медиҳад, фаъолият намуда, маҳсулоти корхона асосан дар соҳаи роҳсозӣ, истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ ва кандани нақбҳо истифода карда мешавад.

Иттилоъ дода шуд, ки сохтмон ва ҷиҳозонидани ҳар ду марҳилаи ин корхонаи муштараки саноатӣ бо ҷалби беш аз 220 миллион сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ сурат гирифта, дар он зиёда аз 150 нафар бо кор ва маоши хуб таъмин мегарданд.

Ашёи хом барои истеҳсоли номгӯи гуногуни маҳсулоти саноатӣ аз дохил ва хориҷи кишвар дастрас шуда, маҳсулоти ниҳоӣ дар баробари таъмини талаботи дохилӣ, ҳамзамон, ба баъзе аз кишварҳои хориҷ содир мегардад. Дар корхонаи мазкур беш аз 20 намуд таҷҳизоти муосир насб шуда, иқтидори истеҳсолии он дар як сол 20 ҳазор тонна маҳсулоти саноатиро ташкил медиҳад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми сармоягузоронро барои таъсиси марҳилаи навбатии ин корхонаи саноатӣ намунаи ҳамкорӣ дар самти рушди истеҳсолот ва коркарди ашёи хоми ватанӣ дар дохил муҳим арзёбӣ намуда, масъулони соҳаро дастур доданд, ки корҳои сохтмониро бо ҷалби сокинони маҳаллӣ бо сифати баланд ва дар муҳлатҳои муайяншуда ба анҷом расонанд.



**19-уми сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 24-ро дар деҳаи Алиҷони деҳоти Пушинги ноҳияи Данғара мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Муассисаи нави дуошёнаи таълимӣ бо ҷонибдорӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат аз ҳисоби соҳибкорони ватанӣ дар муҳлати ҳашт моҳ бунёд ёфта, дар он 2160 хонанда дар ду баст метавонанд таҳсил намоянд.

Аснои шиносоӣ ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки бинои тозабунёди соҳаи маориф дар



деҳаи Алиҷони деҳоти Пушинг дар масоҳати 1,75 гектар, дуошёна сохта шуда, дорои 36 синфхонаи таълимӣ, толори варзиш, маҷлисгоҳ бо 198 курсӣ, китобхона, ошхона бо 95 ҷойи нишаст, майдончаи варзиш ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Ҳафт синфхонаи мактаб барои фанҳои муайян, аз ҷумла таълими меҳнати писарон ва духтарон алоҳида, кор бо компютер ва дарсҳои химия, физика ва биология муҷаҳҳаз шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми соҳибкорони ватаниро дар самти бунёди чунин мактаби замонавӣ, ки бо анҷоми ин тадбир мушкилоти норасоии синфхонаҳо дар деҳаи Алиҷон пурра бартараф гардид, муҳиму саривақтӣ арзёбӣ карда, ба масъулон супориш доданд, ки имкониятҳои мавҷудаи ин даргоҳи илму маърифат бояд самаранок истифода гардад, то насли имрӯзу оянда дар рӯҳияи ватандӯстӣ ба камол расанд.

Барои таъмини гармӣ дар бино иншооти алоҳида бунёд шудааст, ки бо ангишт фаъолият менамояд ва тавассути он тамоми синфхонаҳои таълимӣ дар фасли тирамоҳу зимистон гарм нигоҳ дошта мешавад. Ҳоло дар ин муассисаи таълимӣ 26 омӯзгор фаъолият менамояд, ки барои онҳо тамоми шароит муҳайё карда шудааст.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар бо таваҷҷуҳ ва дастгириҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди соҳаи маориф биноҳои наву замонавии дорои шароити муосир бунёд шудааст ва ин тадбир ба боз ҳам беҳтар шудани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамояд.

Дар шафати бино, ҳамзамон, майдончаи муосири варзиш бунёд шуда, гирду атрофи бинои муассиса бо шинонидани дарахтони сояафкан ва сабзкорӣ зебову назаррабо гардидааст.

Бо ҷонибдорӣ аз сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳибкорони ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон боз азм доранд, ки чунин тадбирҳои бунёдкориро дар дигар деҳаҳо ба анҷом расонанд.

**19-уми сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ пас аз ифтитоҳи бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 24 дар деҳаи Алиҷони деҳоти Пушинги ноҳияи Данғара, бинои муассисаи томактабии «Ворисон»-ро мавриди истифода қарор доданд. Иншооти навбунёд аз ҷониби соҳибкорони ватандӯсти ноҳия дар пайравӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масоҳати зиёда аз 1 гектар бунёд ёфтааст.**

Тавре иттилоъ дода шуд, кӯдакистони мазкур пас аз дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар мавриди бунёди муассисаҳои томактабӣ дар сатҳи деҳот ва маҳалҳо, муассисаи томактабии «Ворисон» дар муддати кӯтоҳ аз ҷониби соҳибкорони ташаббускори ноҳия бо сифати баланд ва шароити замонавӣ омода шудааст.

Дар иншооти навбунёди таълимӣ 150 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, барои кор бо онҳо даҳ нафар мураббия ва ёрдамчиёни мураббияҳо, ки ҳамагӣ соҳибтаҷриба ва дорои ихтисоси педагогӣ мебошанд, ҷалб карда шудааст. Шумораи умумии кормандон дар муассисаи томактабӣ 22 нафарро ташкил медиҳад. Бино дорои 17 ҳуҷраи барҳавои машғулиятгузаронӣ, аз ҷумла 5 ҳуҷраи хобу истироҳат, ошхона бо 25 ҷойи нишаст ва иншооти ёрирасон буда, ҳар кадоми он бо таҷҳизоти зарурӣ ва аёниятҳо муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Дар синфхонаҳои машғулиятгузаронӣ бо мақсади ташаккулу инкишофи зеҳнии кӯдакон ва тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, шароиту имкониятҳои мусоид мавҷуд аст. Бинои кӯдакистон бо шабакаи мутамаркази гармидиҳӣ пайваст буда, ҳуҷраҳои зарурӣ бо оби гарм таъмин мебошад.

Дар муассиса раванди таълим ва машғулиятҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шуда, барои бедор сохтани завқи эстетикии дӯстрӯякон толори мусиқӣ низ фаъолият менамояд.

Зимни боздид аз шароити кӯдакистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомшуда ва имкониятҳои фароҳамгардида баҳои баланд дода, ба соҳибкорони меҳандӯсти ноҳия барои пайравӣ ба сиёсати созандаи Ҳукумати кишвар изҳори миннатдорӣ намуданд.

Саҳни бинои муассисаи томактабии «Ворисон» бо дарахтон ва гулу буттаҳои ороишию ҳамешасабз ороста буда, даромадгоҳи он бо пештоқи ҷолибу назаррабо, ки аз ҷониби меъморон бо завқу салиқаи баланд ороиш ёфтааст, барои бедор сохтани ҳисси зебоиписандии дӯстрӯякон муассир аст. Ҳамзамон, дар саҳни бино ду айвончаи тобистона барои гузаронидани машғулиятҳои тарбиятгирандагон сохта шудааст.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбати самимӣ бо омӯзгорону масъулин онҳоро барои ба роҳ мондани таълими босифат, ташаккули шахсият, омӯзиши донишҳои муосир ба хонандагон, тарбияи кӯдакон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва аз хурдӣ ҷой додани эҳтирому садоқат ба обу хоки аҷдодӣ дар қалби кӯчаки онҳо дастуру ҳидоятҳо доданд.

**19-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ роҳи мошингарди Ҳусеншайх - Хуррамзамини ноҳияи Данғараро ба истифода доданд.**

Дарозии умумии роҳ 18,5 километр ва паҳноиаш 6,2 метрро ташкил намуда, аз хизматрасонии он сокинони деҳаҳои Ҳусеншайх, Лоларух, Булёни боло, Навобод, Зулол ва Хуррамзамини ноҳияи Данғара истифода мекунанд. Ин роҳ барои сокинони чанде аз деҳаҳои ноҳияи Темурмалик ҳам, ки бо он пайвастанд, сабукӣ меорад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардонидани чораҳои пайвасткунандаи шабакаи рушдёфтаи нақлиётиро аз ҷониби соҳибкорон барои беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ дар ин самт, талқини ҳисси зебоипарастӣ ва беҳшавии зиндагии мардум муҳим арзёбӣ намуда, ба сохтмончиёни роҳ изҳори сипос намуданд.

Навсозии роҳ бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи феврали соли 2024 оғоз гардида, аз ҷониби гурӯҳи соҳибкорон бо мақсади иҷрои даъватҳои Роҳбари давлат барои саҳмгузорӣ дар ободии диёр сохта шудааст. Баъди мавриди истифода қарор гирифтани ин роҳ сокинони ҳашт деҳа ё тақрибан 20 ҳазор аҳолӣ барои рафтуомад имконияти бемонеа пайдо намуданд.

Ҳамчунин, дар роҳ се пули нав бунёд гардида, 15 қубури оҳанубетонӣ насб карда шудааст. Дар ҷойҳои аҳолинишин ҷӯйборҳои обгузар гузошта шуда, роҳҳои пиёдагард сохта шудааст. Ёдовар бояд шуд, ки вазъи роҳ аз деҳаи Ҳусеншайхи деҳоти Корез то деҳаи Хуррамзамини деҳоти ба номи Исмат Шарифов нигаронкунанда буд ва ҳамарӯза ронандагону мусофирон аз ҳашт деҳаи ноҳияи Данғара ин роҳро бо машаққати зиёд тай менамуданд.

Азму иродаи қавӣ, муттаҳидӣ дар атрофи сиёсати созандаву бунёдкоронаи Сарвари давлат ва иродаи мустаҳками соҳибкорони ҳимматбаланди ноҳияи Данғара дар ободии диёр ба бунёди ҳамин гуна роҳи ҷавобгӯ ба талабот мусоидат кард.

Насби истгоҳҳои замонавӣ, рангубори манзилҳои истиқоматӣ ва шинонидани гулу буттаҳои ороишию сояафкан дар шафати роҳи Ҳусеншайх - Хуррамзамин аз омодагӣ ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва маърифати баланди зебоипарастӣ шаҳодат медиҳад.

Инчунин, дар доираи сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Данғара роҳи деҳаи Сафобахш бо дарозии наздики 4 километр ба истифода дода шуд. Ин тадбири муҳим аз ҷониби соҳибкорон ва сокинони маҳаллӣ анҷом дода шуда, равшаннамоии роҳ низ таъмин карда шудааст.



(Давомаш дар саҳ. 3)

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҚАЗОҚИСТОН

(Идома аз саҳ. 1)

Аснои суханронӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистон барои истеҳсоли «неруи сабз», ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар самти ҳалли масоили глобалӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим ва таъсири он, обшавии пиряхҳо, хушксолӣ, обхезӣ ва дигар мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ андешаронӣ карда, дар ин самт густариши ҳамкориро бо шарикон, аз ҷумла бо Олмон, муҳим арзёбӣ намуданд. Ҳамкории босамар ба хотири таъмини амну субот дар минтақа ва ҷаҳон басо муҳим номида шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи сарони давлатҳоро ба масъалаи рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои фарҳангию гуманитарӣ, маориф ва тайёр кардани кадрҳо барои соҳаҳои мухталифи иқтисод низ ҷалб намуданд.

Дар анҷоми суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори умед намуданд, ки натиҷаҳои Нишасти дуюми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон барои боз ҳам мустаҳкам шудани муносибатҳои ҳамкорӣ ба нафъи мардумони кишварҳо мусоидат мекунад.

Дар анҷоми нишаст Эъломияи муштараки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон қабул гардид.



**17-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳошияи Нишасти дуюми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон дар Форуми иқтисодӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Зимни суханронӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон иброз доштанд, ки форум ба рушди ҳамкории кишварҳои минтақа ва Олмон, бахусус, тавассути иқдомоти муштарак ҷиҳати истифодаи захираҳо ва иқтидори кишварҳои Осиёи Марказӣ ва имконоти молиявию технологии Олмон мусоидат хоҳад кард.

Сарвари давлат таъкид карданд, ки Тоҷикистон дорои захираҳои ғании табиӣ, бахусус, манбаъҳои тавлиди «энергияи сабз» мебошад. Истифодаи самараноки ин иқтидор ба мо имкон медиҳад, ки дар «рушди сабз»-и минтақа саҳми арзанда гузорем.

Зикр карда шуд, ки имрӯз аллакай 98 дарсади неруи барқ дар давлати мо аз манбаъҳои барқароршаванда тавлид мешавад. Ҳукумати кишвар нақша дорад, ки то соли 2032 тавлиди неруи барқро комилан аз захираҳои «неруи сабз» таъмин намояд ва то соли 2037 Тоҷикистонро ба «кишвари сабз» табдил диҳад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми ширкатҳои аврупоиро дар ворид сохтани технологияҳои нав ба соҳаи гидроэнергетикаи кишвар таъкид намуданд. Татбиқи тарҳҳои бузурги соҳаи гидроэнергетика дар Тоҷикистон намунаи возеҳи ҷалби технология ва таҷрибаи пешрафтаи аврупоӣ ба мақсади «рушди сабз»-и кишвари мо номида шуд.

Дар суханронии пурмуҳтаво Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, оид ба кашфи 800 кони канданиҳои фоиданок дар Тоҷикистон ва имконоти мусоиди ба роҳ мондани истеҳсоли мошинҳои барқӣ, таҷҳизоти маҳфуздорандаи энергия ва электротехникӣ андешаронӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон ба рақамикунонӣ ва рушди инноватсионӣ афзалият дода, барои сармоягузорӣ дар ин соҳаҳо имтиёзҳо ва заминаҳои мусоид фароҳам овардааст. Татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, дорусозӣ, кишоварзӣ, бонкдорӣ, инчунин, маорифу тандурустӣ аз самтҳои дигари афзалиятнок барои кишвари мо арзёбӣ гардид.

Президенти кишвар изҳор доштанд, ки Тоҷикистон дар баробари захираю имконоти худ барои фаъолияти муваффақи сармоягузорону соҳибкорони хориҷӣ шароити мусоид фароҳам овардааст.

Ҷорӣ намудани низоми якҷонибаи бераводид барои шаҳрвандони як қатор кишварҳо, аз ҷумла Олмон, барои будубош дар Тоҷикистон ба муҳлати то 30 рӯз яке аз омилҳои мусоиди ҳамкорӣ маънидод гардид.

Дар фароварди суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз фурсат иштирокдорони форумро ба ҳамкории гуногунҷанбаи мутақобилан судманд ва татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ, бахусус дар соҳаи «рушди сабз» даъват намуданд.

---

www.prezident.tj

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ ДАНҒАРА



(Идома аз саҳ. 2)

Натиҷаи тадбирҳои ободонӣ дар самти бунёду навсозии роҳу пулҳо нишон медиҳад, ки имрӯз намояндагони бахши хусусӣ ва сокинони ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон иҷрои даъватҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷиҳати саҳмгузорӣ дар ободии диёр ба таври намунавӣ иҷро мекунанд. Дар доираи татбиқи нақша-чорабиниҳои Ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Данғара аз ҷониби соҳибкорони ноҳия шаш пули



мошингузар бунёд карда шуда, 143 километр роҳ асфалтпӯш ва зиёда аз 310 километр сангфарш карда шудааст.

Имрӯз соҳибкорону сокинони ноҳияи Данғара бо ташаббускорӣ тавассути саҳмгузорӣ дар корҳои ободонӣ намунаи ибрат нишон дода, барои ободии Тоҷикистон, ҳифзи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ва ба ҳамин восита таъмини саодати рӯзафзуни зиндагиро мароми хеш қарор додаанд.

Дар доираи нақша-чорабиниҳои Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара бунёду навсозии роҳҳо идома дошта, дар ин муддат аз ҷониби соҳибкорон бе ҷалби маблағҳои буҷетӣ аллакай наздики 70 километр роҳ мумфарш ва 60 километр сангфарш карда шудааст.

**19-уми сентябри соли равон дар деҳаи Лоларухи ноҳияи Данғара Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо парвариши сабзавоту полезӣ дар хоҷагии деҳқонии «Саодатшо» шинос шуданд.**

Майдони умумии хоҷагӣ 40 гектарро ташкил намуда, истеҳсоли ғалладона, сабзавот, полезӣ ва хӯроки чорво самтҳои асосии фаъолияти аҳли заҳмати онро ташкил медиҳад. Аз майдони умумии хоҷагӣ 25 гектараш обӣ мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заҳматкашонро ба истифодаи васеи имкониятҳои табиӣ барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ, баланд бардоштани самаранокии замин ва гирифтани чанд ҳосил аз як қитъа ҳидоят намуданд.

Тавре зикр гардид, ин соли дуюм аст, ки кишоварзон баъди обёрӣ шудани заминҳои ин мавзеъ ба зироаткорӣ машғуланд. Обёрии пиёз ба таври қатрагӣ ба роҳ монда шудааст. Фароҳам гаштани шароити мусоид ҳосилнокиро баланд бардоштааст.

Дар ҳамин ҷо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дастовардҳои кишоварзони ноҳия муаррифӣ гардид.

Тавре аён шуд, истифодаи муфид аз боду ҳавои имсола, васеъкунии имкониятҳои истеҳсолӣ аз ҳисоби заминҳои нав ва гирифтани чанд ҳосил аз як қитъа ба афзоиши нишондодҳои истеҳсолӣ дар соли 2024 боис гардидааст.

Имсол кишоварзони ноҳияи Данғара дар майдони 26 886 гектар ғалладона, 1027 - картошка, 1617 - сабзавот, 1539 - полезӣ, 5018 гектар пахта ва дигар намуди зироат кишт намудаанд. Заҳмати пайваста, риояи агротехникаи кишту парвариш ва дар истеҳсолот афзалият додан ба истифодаи технологияи муосир афзоиши нишондодҳои истеҳсолиро таъмин намудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба натиҷаи дастовардҳои кишоварзони ноҳия баҳои баланд дода, масъулини дахлдори соҳа ва меҳнаткашонро ба истифодаи пурраи имкониятҳои табиӣ, баланд бардоштани нишондодҳои истеҳсолӣ ва захираи маҳсулоти ғизоӣ барои ду соли оянда вазифадор намуданд.

Сармашқи фаъолият қарор додани дастуру супоришҳои Сарвари давлат имкон фароҳам овард, ки тавассути васеъкунии майдони кишт аз ҳисоби заминҳои бекорхобида, гирифтани чанд ҳосил аз як қитъа ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ афзоиши нишондодҳои истеҳсолӣ дар ноҳияи Данғара таъмин карда шавад.

Ҳамин аст, ки имрӯз кишоварзони ноҳияи Данғара дар таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ, содироти маҳсулот ба дигар давлатҳо ва таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми намоён мегузоранд. Аз ноҳияи Данғара ба дигар давлатҳо аллакай ҳазорҳо тонна маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ содир карда шудааст.

Соли 2023 маҷмӯи умумии маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон 35,3 миллиард сомониро ташкил намуда буд, ки аз ин 2 миллиарду 550 миллион сомонӣ ё 7,2 фоиз ба ноҳияи Данғара рост меояд. Дар ҳашт моҳи соли 2024 маҷмӯи умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳияи Данғара ба 1,7 миллиард сомонӣ баробар шудааст, ки дар миқёси вилоят баландтарин нишондод ба ҳисоб меравад.



**19-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Данғара дар деҳаи Булёни болои деҳоти ба номи Исмат Шарифов бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 15-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншооти соҳаи маориф дар асоси дастуру ҳидоятҳои Ҳукумати кишвар дар доираи корҳои ободонӣ ба истиқболи шоиста аз 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби гурӯҳи соҳибкорон бо тарҳи муосир бунёд шудааст.

Муассиса дорои 36 синфхонаи муҷаҳҳаз бо аёниятҳои хониш, китобхона, толори баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ бо 198 ҷойи нишаст, ошхона, толори варзиш ва дигар иншооти ёрирасон буда, барои 2160 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст.

Бо бунёд ва мавриди истифода қарор гирифтани бинои муосири муассисаи таълимии №15 барои дар шароити замонавӣ ба таҳсил фаро гирифтани хонандагони деҳаи Булёни болои деҳоти ба номи Исмат Шарифови ноҳияи Данғара заминаи мусоид фароҳам омадааст.

Ба таъкиди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз бе илму навоварӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадам ба пеш гузошта намешавад.

Синфхонаҳои химия, биология, физика, география, математика ва асосҳои кор бо компютер дар ин таълимгоҳ бо муҳимтарин технология ва дигар воситаҳои муосир муҷаҳҳаз карда шудааст, ки ин тадбир барои ҷалби насли наврас ба илмҳои дақиқ нақши муассир мегузорад.

Таъсис ва ҷиҳозонидани синфхонаҳои таълими меҳнат бо муҳимтарин дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ имкон медиҳад, ки хонандагон дар баробари омӯзиши илмҳои замони муосир, ҳамчунин, аз нозукиҳои ҳунарҳои мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат бархӯрдор гарданд. Дар ин синфхонаҳо ҳайати омӯзгорони соҳибтахассус бо истифода аз шароиту имконоти фароҳамшуда коркарди чӯбу оҳан ва дигар ҳунарҳо, аз ҷумла нақшунигор ва гулдӯзиро ба шогирдон омӯзиш медиҳанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ бо шароити хуби таълиму тадрис дар иншооти нави соҳаи маориф ба иқдоми соҳибкорони ватанӣ дар самти бунёди ин иншоот баҳои баланд дода, чунин ташаббусҳоро дар самти таҳкиму тақвияти заминаи моддӣ-техникии маорифи навини миллӣ муассир арзёбӣ карданд.

Ёдовар мешавем, ки дар заминаи таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои доимии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи илму маориф давоми бештар аз се даҳсолаи охир дар марказ ва ҷамоату деҳоти ноҳияи Данғара 77 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 11 иншооот бо саҳму иқдоми соҳибкорону шахсони ватандӯст бунёду мавриди истифода қарор гирифтааст.

Тибқи маълумот, имрӯз дар 88 муассисаи таълимии ноҳияи Данғара наздики 52 ҳазор хонанда дар шароити муосир ба таҳсил фаро гирифта шудааст.

**19-уми сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар деҳаи Булёни болои деҳоти ба номи Исмат Шарифови ноҳияи Данғара ба фаъолияти муассисаи таълимии томактабии №8 бо номи «Хушбахт» расман оғоз бахшиданд.**

Иншоот дар заминаи иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ дар доираи «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025» аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст бунёд карда шудааст.

Бинои боғча бо тарҳи миллию муосир сохта шуда, дар деҳоти ба номи Исмат Шарифов нахустин муассисаи томактабӣ маҳсуб меёбад. Кӯдакистон барои 100 нафар пешбинӣ шуда, раванди таълим дар он бо ҷалби даҳ нафар мураббияи соҳибтахассус бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳуҷраҳои истироҳат ва машғулияти тарбиятгирандагон бо рахти хоб, ҷевон, мизу курсӣ ва бозичаҳои гуногун мутобиқ ба шавқу завқи дунёи рангини кӯдакон муҷаҳҳаз карда шудаанд.

Саҳни биноро гулҳои ороишӣ зиннат дода, арғунчак ва дигар воситаҳои истироҳативу фароғатии пешбинишуда барои дӯстрӯякон ба муҳити ин мавзеъ зебоии дигар мебахшад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида дар боғча барои дар деҳот муҳайё намудани чунин имконот ба соҳибкорон изҳори сипос намуда, аз ҷумла иброз доштанд, ки таҳсилоти томактабӣ барои ташаккули қобилияти зеҳнии наврасон марҳалаи хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки вусъати чунин амалҳои ватандӯстона метавонад дар самти иҷрои талаботи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар хусуси фарогирии ҳар чӣ бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ нақш гузорад.



Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз масъулон даъват намуданд, ки таълиму тарбияро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда, кӯдаконро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ тарбия намоянд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёди муассисаҳои томактабӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад ва барои дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, таъмини шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар кишвар «Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027» тасдиқ гардидааст. Дар асоси ин барнома, бунёди 264 муассисаи томактабии хусусӣ дар кишвар пешбинӣ шудааст.

**19-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Данғара, дар деҳаи Навободи деҳоти ба номи Исмат Шарифов бинои нави муассисаи таълимии №86-ро, ки барои 720 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст, мавриди истифода қарор доданд.**

Иншооти мазкур яке аз бандҳои нақшаи тарҳрезишуда ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба шумор рафта, дар 40 садяк замин доман густурдааст. Бинои тозабунёд аз як ошёна ва 12 синфхонаи таълимӣ иборат буда, аз ҷониби соҳибкорони бонангу номус ва шахсони саховатпешаи деҳа бунёд шудааст.

Дар назди муассисаи таълимӣ барои гузаронидани машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва дифои ҳарбӣ майдончаи муосири варзиш сохта шудааст. Дар маҷмӯъ, масоҳати умумии иншооти бунёдгардида 1100 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Барои амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», дар муассиса озмоишгоҳу синфхонаҳои фаннӣ бо лавозимоти зарурӣ муҷаҳҳаз гардидаанд.

Барои бемушкилӣ гузаронидани фасли сармо дар муассиса хатти барқи алоҳида насб гардида, бино, ҳамчунин, бо шабакаи ягонаи гармидиҳӣ пайваст мебошад. Саҳн ва атрофи муассисаи таълимӣ сафолакпӯшу сабзкорӣ шуда, қомат афрохтани он намои деҳаро шукӯҳи тоза бахшидааст. Қобил ба зикр аст, ки корҳои бунёдӣ дар муассисаи мазкур моҳи марти соли 2024 оғоз гардида, онро бинокорони маҳаллӣ бунёд кардаанд ва тамоми маҳсулоти истифодашуда истеҳсоли корхонаҳои саноатии ватанӣ мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба соҳибкорон ва аҳолии деҳаи Навобод барои чунин ҳиммати ҷавонмардона изҳори миннатдорӣ намуда, иқдоми мазкурро намунаи ибрат ва шоистаи таҳсин хонданд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар баробари бунёди муассиса, ҳамчунин, аз ҷониби соҳибкорон ва аҳолии деҳа роҳҳои ҳудуди маҳалла дар масоҳати 4000 метри мураббаъ асфалтпӯш ва дар масофаи 4 километр чароғон карда шудааст, ки аз деҳаи Навобод то деҳаи Булёни боло тӯл мекашад.

Қобили зикр аст, ки дар деҳаи Навободи деҳоти ба номи Исмат Шарифови ноҳияи Данғара 184 хоҷагӣ умр ба сар мебаранд. Аз соли 1965 то ин дам набудани мактаб боиси он мегардид, ки кӯдакони деҳа барои таҳсил 3 километр роҳро тай намуда, ба ҳамсоядеҳа - Булёни боло раванд. Набудани роҳи ҳамвору ба талабот ҷавобгӯ низ боиси нигаронии сокинон гардида буд.

Баъди ифтитоҳи мактаби нав ва муҷаҳҳаз бо тамоми лавозимоти хониш мушкилоти чандинсолаи сокинони деҳаи Навобод бартараф шуд. Аҳли маорифи ноҳияи Данғара ба Сарвари давлат ҷиҳати дастгирии ҳамешагии кормандони илму маориф ва муҳайё сохтани шароити хуби зиндагӣ изҳори сипос намуданд. Таъкид гардид, ки омӯзгоронро зарур аст дар таълиму тарбияи фарзандони мардум ва дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ ба камол расонидани онҳо саҳми муносиб гузоранд, зеро Тоҷикистон давлати ҷавон аст ва ба кадрҳои соҳибтахассус ниёз дорад.

Бояд гуфт, ки аҳолии деҳаи мазкур 4500 нафарро ташкил дода, қаблан хонандагон дар бинои куҳнаву хурде, ки солҳои 30-юми асри гузашта бунёд гардида буд, таҳсил мекарданд. Бо зиёд шудани аҳолӣ зарурати бунёди муассисаи наву замонавӣ ба вуҷуд омад, ки инак бо иқдоми неки соҳибкорон амалӣ карда шуд.

36 синфхона ва дигар ҳуҷраҳои корӣ бо таҷҳизоти таълимӣ ва шароити мусоид барои омӯзгорон ва хонандагон ҷиҳозонида шудааст, ки минбаъд кӯдакону наврасони деҳаи мазкур бо истифода аз ин имконоти муосир, дониши худро такмил медиҳанд. Роҳбари давлат иқдоми соҳибкорони маҳаллиро дар самти бунёди муассисаҳои таълимӣ муҳим арзёбӣ намуда, онро амали ибратбахш ва шоистаи таҳсин арзёбӣ намуданд.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 11 китобхона ҳам мавҷуд аст, ки дорои адабиётҳои бадеӣ ва таълимӣ буда, дар қироатхонаи он дар як вақт наздики 40 нафар метавонанд адабиёти дилхоҳашонро мутолиа намоянд.

Синфхонаҳои фаннии физика, химия, биология, технологияи иттилоотӣ, география, забони русӣ, математика ва таълими меҳнати писаронаву духтарона бо асбобҳои айёнӣ ва озмоишгоҳу дигар ҷиҳози зарурӣ таъмин буда, барои дар сатҳи баланд гузаронидани машғулиятҳо мусоидат менамоянд.

Маҷлисгоҳи муассисаи таълимӣ, ки дорои 198 ҷойи нишаст аст, барои гузаронидани ҳар гуна чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ пешбинӣ шудааст.





**19-уми сентябри соли равон дар деҳаи Булёни поёни деҳоти ба номи Исмат Шарифови ноҳияи Данғара Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар иншооти мазкур як толори варзиш барои бозиҳои волейбол, баскетбол ва футбол низ мавҷуд аст, ҳуҷраи ивази либос, ҳуҷраи мураббӣ ва анбор барои нигоҳдории асбобҳои варзиш ҳам дорад. Ҳамчунин, дар саҳни бинои мазкур боз се майдончаи дигари варзиш барои футбол, волейбол ва дигар намудҳои варзиш муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти зарурӣ мавҷуд аст.



Ин муассисаи таълимӣ дар доираи дастуру ҳидоятҳои роҳнамунсози Пешвои миллат аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ дар масоҳати 1,23 гектар бунёд гардида, туҳфаи арзанда ба сокинони ин деҳа дар оғози соли нави таҳсил арзёбӣ гардид.

Иншооти мазкур аз ду ошёна иборат буда, барои 2160 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Системаи гармидиҳии мутамарказ бо истифода аз ангишт имкон медиҳад, ки синфхонаҳо дар фасли зимистон гарму бароҳат бошанд. Саҳни ҳавлии ин иншооти соҳаи маориф сабзкорӣ ва сафолакпӯш карда шуда, ҳамчунин, роҳи мактаб ва дигар роҳҳои ҳамшафати он асфалтпӯш карда шудааст.

Корҳои сохтмонӣ дар ин муассисаи таълимӣ моҳи марти соли 2024 оғоз гардида, дар муддати шаш моҳ бо сатҳу сифати баланд бо истифода аз масолеҳи сохтмонии босифати маҳаллӣ бунёд карда шуд. Атрофи иншоот панҷарабандӣ гардида, ҳамчунин, бо камераҳои назоратӣ ҷиҳозонида шудааст.

Мавриди зикр аст, ки дастгириҳои давлатӣ нисбат ба соҳибкорон, алалхусус пешниҳоди имтиёзҳо ва татбиқи барномаҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ соҳибкоронро барои саҳмгузорӣ дар ободии Ватан дилгарм намудааст. Натиҷаи ҳамин буд, ки дар ноҳияи Данғара давоми солҳои соҳибистиқлолӣ аз ҷониби соҳибкорон муассисаҳои зиёди таълимӣ ва томактабӣ бунёд ва мавриди истифода қарор дода мешавад.

Танҳо дар доираи омодагиҳо ба истиқболи Ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳия беш аз 20 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва боғчаи бачагон бунёд гардидааст.

Ҳамчунин, дар доираи татбиқи нақша-чорабиниҳо ба истиқболи 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ дар ноҳия 37 муассисаи нави таълимӣ ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 16-тои он ифтитоҳ карда шуд.

Танҳо дар доираи сафари кории имрӯза боз шаш муассисаи нави таълимӣ ва се муассисаи томактабӣ бо саҳми соҳибкорони ватандӯст, дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифода қарор дода шуд.

Маориф дар авлавияти сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, сол то сол маблағгузорӣ ба соҳа афзун мегардад.

Натиҷаи ҳамин ғамхориҳо ва таваҷҷуҳ буд, ки давоми солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи хонандагоне, ки дар олимпиадаҳои байналмилалӣ соҳиби медал мешаванд, бамаротиб афзоиш меёбад.

**19-уми сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Данғара муассисаи таълимии томактабии «Дурахшон»-ро дар деҳаи Булёни поён ба истифода доданд.**

Кӯдакистон дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон бо кормандони соҳаи маориф ва илм, ки рӯзи якуми сентябри соли равон сурат гирифта буд, бо иқдоми соҳибкорони ватандӯст дар муддати як моҳ омода карда шуд.

Бинои муассиса якошёна буда, дорои се синфхонаи таълимӣ ва се ҳуҷраи хоб барои ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифтани 100 нафар фарзандони сокинони деҳаҳои Дурахшон - 1 ва Булёни поён пешбинӣ гардидааст.

Иншоот аз ошхона ба 25 ҷои нишаст, хонаҳои машғулиятгузаронӣ, толори мусиқӣ, ҳуҷраи тиббӣ, ҳуҷраҳои корӣ ва ёрирасон иборат аст. Таълиму тарбия дар муассиса бо забони давлатӣ ба роҳ монда шуда, ба кӯдакон забонҳои хориҷӣ низ омӯзонида мешавад.

Кӯдакистон ҷиҳати амалисозии дастуру ҳидоятҳои маорифпарваронаи Пешвои миллат баҳри баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия нақши муҳим мебозад.

Лозим ба таъкид аст, ки соҳибкорону ашхоси ватандӯсти ноҳияи Данғара иқдому ташаббусҳои созандаи Пешвои миллатро сармашқи кору фаъолияти худ қарор дода, баҳри иҷрои он тадбирҳои саривақтӣ меандешанд.

Ҳамин аст, ки дар муддати кӯтоҳ дар ҳудуди ноҳия баробари дигар иншооти ҳаётан муҳим чор кӯдакистон сохта ба истифода дода шуд ва то Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз чанд муассисаи дигари томактабӣ бунёду омода хоҳад шуд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароиту имкониятҳои муассисаи томактабӣ таъсиси чунин кӯдакистонҳоро дар деҳот омили муҳими ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифтани кӯдакон арзёбӣ карданд.

**www.prezident.tj**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 424907 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод | Дарахтҳои ороишӣ, гулҳо, нуриҳои минералӣ ва масолеҳи сохтмонию рангуборкунӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 26.09.2024 09:15:29 |
| 2 | 424906 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои маъмурии бахши Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Нуробод | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.09.2024 09:20:00 |
| 3 | 424910 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои таъмирию азнавсозии «Бинои нозироти андози ноҳияи Рӯшони ВМКБ» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.09.2024 09:55:00 |
| 4 | 424912 | Маркази саломатии шаҳрии шаҳри Ваҳдат | Азнавсозии бинои бунгоҳи саломатии тиббии деҳотӣ дар шаҳри Ваҳдат | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.09.2024 10:20:00 |
| 5 | 424915 | Кумитаи марказии ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа | Таъмири ҷории ҳоҷатхонаи Раёсати Кумитаи марказии ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.09.2024 10:40:00 |
| 6 | 424871 | Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналии шаҳри Хуҷанд | Ниҳолҳои гулҳои мавсимӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 04.10.2024 15:20:15 |
| 7 | 424872 | Маркази клиникавӣ-эндокринологии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 44 | 04.10.2024 15:20:15 |
| 8 | 424874 | Муассисаи давлатии «Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 2»-и шаҳри Роғун | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2»-и шаҳри Роғун | Озмуни кушод | Кор | 1 | 04.10.2024 16:45:00 |
| 9 | 424876 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ»-и шаҳри Истаравшан | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 04.10.2024 19:19:19 |
| 10 | 424877 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ»-и шаҳри Истаравшан | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 04.10.2024 19:19:19 |
| 11 | 424878 | Идораи сохтмон ва меъмории МИҲД-и шаҳри Панҷакент | Азнавсозии боғи фарҳангию фароғатии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ дар шаҳри Панҷакент (корҳои лоиҳакашӣ, геологӣ ва топографӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 04.10.2024 19:19:19 |
| 12 | 424879 | Идораи сохтмон ва меъмории МИҲД-и шаҳри Панҷакент | Сохтмони бинои кӯдакистон барои 200 нафар дар деҳаи Навободи деҳоти Лоиқ Шералӣ, шаҳри Панҷакент (корҳои лоиҳакашӣ, геологӣ ва топографӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 04.10.2024 19:19:19 |
| 13 | 424880 | Идораи сохтмон ва меъмории МИҲД-и шаҳри Панҷакент | Сохтмони бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13 дар деҳаи Некноти деҳоти Рӯдакӣ, шаҳри Панҷакент (корҳои лоиҳакашӣ, геологӣ ва топографӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 04.10.2024 19:19:19 |
| 14 | 424881 | Идораи сохтмон ва меъмории МИҲД-и шаҳри Панҷакент | Сохтмони бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар деҳаи Косатароши деҳоти Косатарош, шаҳри Панҷакент (корҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқотӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 04.10.2024 19:19:19 |
| 15 | 424875 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хоруғи ВМКБ | Таъмири ҷории намои бинои Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи президентӣ барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хоруғ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 04.10.2024 19:20:00 |
| 16 | 424882 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Молҳои хоҷагидорӣ, сантехникӣ, обпошакҳо, рангҳои равғанӣ, оҳак ва дастпӯшакҳои корӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 07.10.2024 08:40:29 |
| 17 | 424905 | Беморхонаи вилоятии ба номи А. Ҳақназарови шаҳри Кӯлоб | Таъмири асосӣ ва насби қандилҳо | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.10.2024 08:50:33 |
| 18 | 424904 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони рӯҳии ноҳияи Восеъ» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 40 | 07.10.2024 08:51:12 |
| 19 | 424908 | Муассисаи таълимии «Литсейи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Тошмуҳаммадов М.Д.» | Молҳои варзишӣ, канселярӣ ва хоҷагӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 07.10.2024 09:50:25 |
| 20 | 424873 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» | Лоиҳакашии корҳои ҷустуҷӯй-тадқиқотии геологӣ ва геофизикӣ, неругоҳи офтобӣ бо мавқеи ҷойгиршавӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 07.10.2024 09:56:51 |
| 21 | 424911 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Орди гандумӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 07.10.2024 10:00:37 |
| 22 | 424913 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои дил» | Хӯрокворӣ ва комоди назди бемор | Озмуни кушод | Мол | 14 | 07.10.2024 10:30:52 |
| 23 | 424914 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 22 | 07.10.2024 10:35:00 |
| 24 | 424916 | Муассисаи таълими томактабӣ дар намуди ширхоргоҳ - кӯдакистони №1 дар ноҳияи Рӯдакӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 33 | 07.10.2024 11:15:59 |
| 25 | 424917 | Муассисаи давлатии «Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон» | Монтажи системаҳои гармидиҳӣ барои эҳтиёҷоти Муассисаи давлатии «Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.10.2024 13:30:00 |
| 26 | 424883 | Муассисаи давлатии «Таваллудхонаи шаҳрии шаҳри Панҷакент» | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 27 | 424884 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд»» | Телескоп ва кабинаи акс | Озмуни кушод | Мол | 2 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 28 | 424885 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Молҳои электрикӣ, сантехникӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 26 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 29 | 424886 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Асбобҳои корӣ ва масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 53 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 30 | 424887 | Маъмурияти корхонаҳои сохташудаистодаи «Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд» | Насосҳои чуқур | Озмуни кушод | Мол | 3 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 31 | 424888 | Маъмурияти корхонаҳои сохташудаистодаи «Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд» | Корҳои обтаъминкунӣ дар маҳаллаҳои навбунёди 28, 29 ва 30-юми шаҳри Хуҷанд (корҳои лоиҳакашӣ, кофтукоби муҳандисӣ-геодезӣ ва гузаронидани экспертизаи давлатӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 32 | 424889 | Муассисаи давлатии «Маркази вилоятии барқарорсозӣ ва солимгардонии кӯдакони вилояти Суғд» | Идомаи таъмири роҳравҳои беруна, насби чароғҳои беруна ва таҷдиди соябони ҳудуди бинои шуъбаи дилу тарбоди Муассисаи давлатии «Маркази вилоятии барқарорсозӣ ва солимгардонии кӯдакони вилояти Суғд» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 33 | 424890 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Таъмири шуъбаи бемориҳои асаб дар ошёнаи 6-уми беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 34 | 424891 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд | Хизматрасонӣ оиди қабули меҳмонон ва ташкили таоми нисфирӯзӣ ва шом дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд (ҳамагӣ барои 152 нафар дар муддати 3 рӯз) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 35 | 424892 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд | Хизматрасонӣ оиди қабули меҳмонон ва ташкили таоми шом дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд (ҳамагӣ барои 120 нафар дар муддати 1 рӯз) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 36 | 424893 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд | Хизматрасонӣ оиди қабули меҳмонон ва ташкили таоми нисфирӯзӣ дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд (ҳамагӣ барои 110 нафар дар муддати 1 рӯз) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 37 | 424894 | Комиссариати ҳарбии вилояти Суғд | Таъмири ошхона ва утоқҳои кории Комиссариати ҳарбии вилояти Суғд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 38 | 424895 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳи автомобилгарди стансияи Нов-Саидқӯрғон-Оқтеппа дар ноҳияи Спитамен. Марҳилаи 4. (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ: 5 см, масоҳат: 4020 $м^2$) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 39 | 424896 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳи автомобилгарди стансияи Нов-Саидқӯрғон-Оқтеппа дар ноҳияи Спитамен. Марҳилаи 3. (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ: 5 см, масоҳат: 4000 $м^2$) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 40 | 424897 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳи автомобилгарди стансияи Нов-Саидқӯрғон-Оқтеппа дар ноҳияи Спитамен. Марҳилаи 2. (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ: 5 см, масоҳат: 3980 $м^2$) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 41 | 424898 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳи автомобилгарди стансияи Нов-Саидқӯрғон-Оқтеппа дар ноҳияи Спитамен. Марҳилаи 1. (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ: 5 см, масоҳат: 3970 $м^2$) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 42 | 424899 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони қисми ҳарбии 0214-и отряди сарҳадии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (идомаи корҳои сохтмонӣ: кӯчонидани ноқилҳои баландшиддат ва гузаронидани қубурҳои обу ташноб) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 43 | 424900 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мизу курсиҳои талабагӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 44 | 424901 | Поликлиникаи стоматологияи кӯдаконаи шаҳри Хуҷанд | Маводи стоматологӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 45 | 424902 | Маркази саратоншиносии вилояти Суғд | Диски сахт, асбобҳои корӣ, молҳои хоҷагидорӣ ва сантехникӣ | Озмуни кушод | Мол | 66 | 07.10.2024 18:10:10 |
| 46 | 424903 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25 | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 17 | 07.10.2024 18:10:10 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ бо рақами кадастрии 07-003-002468, ки онро КДФ «Бақайдгиии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 13 октябри соли 2022 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Гулистон, деҳаи Сангтӯда ба Бутаева Дилором Тиллоевна (РМА 045509812) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 3, ҳуҷраи 108, ба Ҷамъияти саҳомии «Бофанда» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ бо рақами кадастрии 68-004-000029-01-018, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 5 феврали соли 2020 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, бинои 36, ҳуҷраи 42, ба Зоирова Гулнора Саидовна (РМА 046001405) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ёрзода Алишер Саънатулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 02292562, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 22-юми июли соли 2019 ба Сайфуллоев Хушбахт Зайнидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон соли 2020 ба Сайфуллоев Хушбахт Зайнидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва Иқтибоси гумшуда аз феҳрасти ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Хусайнов Камолдин Пулатович (РМА 025041373) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Миралӣ Маҳмадалӣ, хонаи 153, ба Сафаров Хайриддин Сангакович додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Голден МИКС» (РМА 120039690, РЯМ 1210009699) бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки М. Турсунзода, деҳаи Истиқлол-2, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ таҳти №451, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 18 марти соли 2004 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, колхози Москва (ҳоло ҷамоати деҳоти М. Ризо) участкаи Тӯда (ҳоло деҳаи Тӯда) ба Сайфиддинов Ахмадҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТК №0030108, ки онро филиали дар ноҳияи Панҷ будаи Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Қубодиён соли 2009 таҳти қайди 946 бо ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ (илова бо забони англисӣ) ба Раҳмонова Лола Асомудиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи №765953, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №55-и шаҳри Душанбе соли 1986 ба Мухтарамов Давлатмир Махмадаминович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2021 ба Тоиров Маҳрамшо Давлатёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2021 ба Шукуров Назрулло Раҳмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшудаи №12-01/23-24/07, ки онро Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон соли 2023 ба Хаётова Дилангез Нуридиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Анзоб, хонаи 478/1, ба Файзиллоева Ойтило Раҳмоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро факултаи тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2020 бо ихтисоси «Кори табобатӣ» ба Мамадхӯҷаев Акмалхон Зарифҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи силсилаи ДШ-0320362 оид ба ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15-уми августи соли 2008 таҳти феҳрасти №2М-189 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Айнӣ, хонаи 3 ба Шакирова Иқлимбибӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Васиятномаи гумшудаи силсилаи ДШ №0500638, ки онро Сарнотариуси давлатии идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 16-уми марти соли 2010 таҳти феҳрасти №10г-225 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Айнӣ, хонаи 3, ба Шокиров Абдусамӣ Абдушукурович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи дараҷаи А №0352709 оид ба ҳуқуқи истифодаи замин, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ 4-уми декабри соли 2012 таҳти қайди 28076 барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ ба Ҳасанова Рузимо додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи А№ 0502935 оид ба ҳуқуқи истифодаи замин, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Рӯдакӣ 13-уми марти соли 2015 таҳти қайди 33268 барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ ба аъзоёни хоҷагии деҳқонии «Гулов Шукрулло» додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2022 ба донишҷӯи факултети тиббӣ бо ихтисоси «Кори табобатӣ» Абдурахимов Алишер Ихтиёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ЕВ №233530, ки онро Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур) соли 1979 таҳти қайди 445 ба Насимов Фозил Хусейнович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ихтисоси «Кори табобатӣ» соли 2021 ба Абдурахмонов Самандар Шералиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ ва Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, ки онҳоро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 30-юми декабри соли 1995 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 1/11, хонаи 6, ба Садуллоева Сарварбӣ Назаралиевна додааст, эътибор надоранд.

✓ Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Шодӣ, хонаи 66, ба Тохиров Анвар Гаибович додааст, эътибор надорад.

✓ Ҳуҷҷати гумшудаи тасдиққунандаи шахсияти афсар таҳти силсилаи ҶТ №062408, ки онро Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Мирамбахшов Амирхон Толибович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи бақайдгирии давлатии хоҷагии деҳқонии «Шоира» бо РЯМ 3130007504, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Хуросон додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТК №0166998, ки онро Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ соли 2019 таҳти қайди №1149 ба Шарипова Мадина Шайдуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2023 ба Буриев Диёрбек Элёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз Феҳрасти ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ба Айбайдила Талатӣ (РМА 635979342) додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Голден МИКС» (РЯМ 1210009699, РМА 120039690), ки Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 7-уми феврали соли 2014 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Ҳурия» (РЯМ 0110024723, РМА 010100749), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 14-уми июни соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шикори Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (РЯМ 01100652, РМА 010018509), ки 16-уми июли соли 2010 Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «ОЛИМИ ХУРОСОН» (РМА 3110000924) бо суроғаи ҳуқуқии ноҳияи Хуросон, Ҷамоати деҳоти Фахробод, деҳаи Субҳ, барҳам мехӯрад.

✓ ҶДММ «Муҳаммади Мубина» (РЯМ 1210013796, РМА 120044270), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 14-уми январи соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҳамаи давлатдорӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фарҳунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 20 сентябри соли 2024, соати 11:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33085 нусха*

Навбатдори шумора Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97